# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон**

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон ба омӯзиш ва таҳқиқи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” бахшида шудааст.

Маъношиносӣ яке аз бахшҳои муҳимми илми забоншиносӣ буда, ба омӯзиши маънои воҳидҳои забон машғул аст. Дар низоми маъноии калимаҳо на танҳо маънои асосӣ ё луғавӣ, балки маъноҳои иловагӣ низ мавҷуданд, ки дар раванди муошират нақши бориз мебозанд. Яке аз чунин навъҳои маъно маънои коннотативӣ мебошад. Коннотатсия маҷмуи тобишҳои эҳсосӣ, арзишӣ, услубӣ ва фарҳангии калимаҳост, ки ба маънои асосии онҳо илова мегарданд. Маҳз тавассути маънои коннотативӣ муносибати гӯянда нисбат ба ашё, ҳодиса ё шахс ифода ёфта, таъсирнокии нутқ афзун мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши маънои коннотативӣ барои дарки амиқи мазмун, хусусиятҳои услубӣ ва имкониятҳои ифодагарии забон аҳаммияти назаррас дорад

Таҳқиқи диссертатсионии **Бустонзода Тахмина Бустон** низ дар масъалаи таҳқиқи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар забоншиносии тоҷик ба роҳ монда шуда, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат мекунад.

Мубрамии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он аст, ки аз таърихи забоншиносии тоҷик, ки ба пажӯҳиши низоми маъношиносӣ ба мақсади ошкор намудани хусусиятҳои хос ва умумии маънои коннотативӣ

машғул аст, бармеояд, ки яке аз масъалаҳои муҳим масъалаи маъношиносӣ, ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар маъношиносии корбурдӣ, заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ, шарҳи маънои коннотативӣ, таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ, ифодаи маънои коннотативӣ дар фоносемантика, ҷумла ва матн, категорияҳои луғавӣ ва қабатҳои маъноӣ, ки аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии илми забоншиносӣ, хоссатан, бахши маъношиносии он ба ҳисоб меравад, маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои муҳимми низоми маъношиносиро ба таври фарогир баррасӣ намуда, дар он роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар забони муосири тоҷик таҳқиқ гардидааст.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз нигоҳи илмӣ арзиши баланд дошта, барои рушди забоншиносии мусоири тоҷик дар самти шинохти маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ саҳми арзанда гузошта метавонад.

Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқро пурра инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаҳои тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки тибқи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, авторефератҳо ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии таҳқиқро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект, асосҳои назариявӣ ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** маълумоти дақиқ, маводди кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссерататсионӣ, истифодаи методҳои таҳлилӣ, луғавӣ ва муқоисавӣ ва амсоли инҳо собит менамоянд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба ҳимоя пешниҳод намояд.

Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ **пешниҳод менамояд:**

– **Абодуллоева Сафина Юсуповна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

– **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода мешавад;

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Расулзода Суҳайлӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

«10» 06 соли 2026

Имзоҳои О.Ҳ. Қосимов, С. Расулзода ва
Г.З. Абдуллоеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна